# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Тағоймуродзода Санифа Тағоймурод дар мавзуи «Ономастикаи «Таърихи Систон» (баррасии луғавӣ ва сохторӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02. 01– Забони тоҷикӣ**

Мувофиқи маълумоти автореферат диссертатсияи довталаби дараҷаи илмӣ Тағоймуродзода Санифа Тағоймурод ба мавзуи «Ономастикаи «Таърихи Систон» (баррасии луғавӣ ва сохторӣ)» бахшида шудааст. Таҳқиқи анҷомшуда, аҳаммияти вижаи назариявӣ ва амалӣ дошта, дар он маводи яке аз асарҳои таърихии асрҳои миёна «Таърихи Систон» таҳқиқу баррасӣ гардида, барои муайяну равшан намудани рушди забони адабӣ ва пурғановат гардидани он дорои арзиши махсус мебошад.

Дар диссертатсия таҳқиқу пажуҳиши ономастикаи «Таърихи Систон», ки яке аз куҳантарин сарчашмаи таърихии фарҳангу адаби гузаштагонамон маҳсуб меёбад, барои равшан сохтани хусусиятҳои таърихи забони адабии асрҳои IX-XI ҳадафи асосии илмӣ қарор гирифта, дар он қабатҳои гуногуни ономастикии асар, яъне баррасии ҷойномҳо (топонимҳо), шаҳрномҳо (астионимҳо), деҳномҳо (комонимҳо), мавзеъҳои сатҳи заминӣ (оронимҳо), обномҳо (гидронимҳо) ва амсоли инҳо мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Навгониҳои илмии таҳқиқ дар он дида мешавад, ки нахустинбор дар рисолаи илмии мазкур маводи ономастикии асари мавриди таҳқиқ аз нигоҳи сохтор ва маъно ба таври ҷудогона ва бонизом таҳлилу баррасӣ мегардад. Маводи гирдовардашударо таҳлили сохторӣ ва маъноӣ намуда, вижагиҳои онҳо дар асоси таҳлили лингвистӣ муайян карда мешаванд. Дар навбати худ маводи ономастикии асар ба чандин зергурӯҳҳо: топонимҳо ва бахшҳои он (астионимҳо, полионимҳо ва комониму зоонимҳо), антропонимҳо ва қисматҳои он (лақабу номи мустаору зербахшҳои он) тасниф гардида, ҳар яки он зергурӯҳҳо дорои маводи зарурӣ буда мавриди таҳлили забонӣ қарор мегиранд.

Мундариҷаи диссертатсияро номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, хулоса, феҳрасти адабиёт ва замима ташкил медиҳанд.

Дар **муқаддима** ва бобҳои рисолаи илмӣ масъалаҳои дар пеш гузоштаи унвонҷӯ дар пояи маводди гирдоварда мавриди таҳлил қарор гирифта, ҷанбаҳои луғавӣ ва сохтории ҷойномҳоро нишон дода шудааст.

Инчунин бобҳои рисолаи илмӣ, мувофиқи маълумоти фишурдаи он, бо назардошти муқаррароту тадлаботи корҳои илмӣ таҳия гардида, аз чандин фаслҳои таркибӣ иборат мебошанд ва дар ҳар як фасл як ҷиҳати ҷойномҳои асар матраҳ гардидаанд.

Забони фишурда фаҳмо, илмӣ ва ба талаботи забони илм ҷавобгӯ мебошад, ки касе онро мутолиа кунад, бо осонӣ аз муҳтавои фишурда мефаҳмад.

Дар **хулоса**и диссертатсия натиҷаҳои бадастовардаи муҳаққиқ дар 15 банд ҷамъбаст гардида, ҷамъбасти хулосаҳои таҳқиқ низ пешкаш ва барои истифодаи амалии натиҷаҳои он тавсияҳо дода мешавад.

Хулосаҳо ва масъалаҳои марбут ба мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ аз ҷониби диссертант дар конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, нуктаҳои асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқ дар 8 мақола, аз ҷумла, 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и ФР ва КОА-и назди Президенти ҶТ ва 3 мақола дар маҷмуаҳои гуногуни илмӣ ба чоп расидаанд.

Дар баробари ин дар автореферати диссертатсия чанд носаҳеҳиву норасоӣ ва камбудиву ғалатҳо ба назар мерасанд, ки чанде аз онҳоро барои беҳбудии муҳтавои диссертатсия пешниҳод менамоем:

1. Ба назари мо, бахши «**Тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ**» такмил мехоҳад ва агар номгӯйи маърузаҳои конференсияҳо зикр мешуданд, хеле хуб мешуд ва ҳангоми нашри монография ба ҳамин чиҳатҳо таваҷҷуҳ зоҳир карда шавад.

2. Дар фишурда ғалатҳои имлоӣ (с. 7, 8, 12), услубӣ (с.19) ва техникӣ () роҳ ёфтаанд, ки онҳо ислоҳ мехоҳанд.

Камбудиҳои зикршуда моҳияти илмии диссертатсияро коста нахоҳанд кард ва зуд ислоҳшаванда мебошанд. Аз рӯйи маводи автореферати диссертатсияи Тағоймуродзода Санифа Тағоймурод дар мавзуи «Ономастикаи «Таърихи Систон» (баррасии луғавӣ ва сохторӣ)» аён мешавад, ки таҳқиқи мазкур анҷомёфта буда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мебошад.

**МУҚАРРИЗ:**


номзади илми филология,
дотсент, ректори Муассисаи далатии таълимии
“Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати
Тоҷикистон ба номи М.Турсунзода” Назарзода Маҳмуд Мирзо

**Нишонӣ:** 734033, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Бофанда 5, ҳуҷраи 59.
Тел: +992 918 -65 76-95.
Email:nazarov.mn@mail.ru


**«Имзои Маҳмуд Мирзо Назарзодаро тасдиқ мекунам»:**
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ “Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати
Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода” Ҳамидова Заррина


**Маълумот барои тамос.**
**Нишонӣ**: 734033, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, Борбад 73а
Тамос: (992) 907-81-90-91.
Email: tajartins@yandex.ru


«08» майи соли 2025